**Тақризи**
**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)**

Диссертатсияи мазкур ба яке аз муҳимтарин масъалаҳои замони мо – таҳлили хавфҳо ва роҳҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз назарияҳои нав ва усулҳои таҳқиқоти илмӣ, таҳлили комил ва амиқе аз омилҳои таҳдидкунандаи амният дар минтақа пешниҳод намудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович ба масъалаи муҳимми илмҳои сиёсатшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақашиносӣ – таъмини амнияти минтақавӣ дар шароити мураккаби геосиёсии Осиёи Марказӣ бахшида шуда, аз ҷиҳати сохтор ва мазмун кори ба итмомрасида мебошад. Дар диссертатсия заминахои таҳдидҳои минтақавӣ, моҳият ва хусусиятҳои онҳо дар минтақаи Осиёи марказӣ бо истифодаи мафхумҳо, категорияҳо, асосҳои методологии назарияиҳои бехатарии давлатдорӣ ва ҳамгироии минтақавӣ тахлил карда мешаванд. Дар таҳқиқоти илмии мазкур таҳлили илмии таҳдидҳои афзояндаи замони муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм ва дигар шаклҳои ифротгароии сиёсӣ ва идеологӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, муаллиф таҳдидҳоро бо назардошти хусусиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва геосиёсии кишварҳои минтақа таҳқиқ намуда, онҳоро дар заминаи равандҳои трансмиллӣ ва маҳаллӣ таҳлил мекунад. Дар дисертатсия нақши созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла ИДМ, СААД ва СҲШ дар амалӣ намудани чорабиниҳои зиддитеррористӣ ва зидди экстремистӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои актуалӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ самаранокии ҳамкориҳо ва маҳдудиятҳои ниҳодии ин созмонҳоро нишон дода, пешниҳодҳои муайянро ҷиҳати беҳтар намудани механизми ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати амниятӣ дар минтақа пешниҳод намудааст. Дар рисола, таъсири «неруи нарм»-и давлатҳои абарқудрат (Россия, Чин ва Амрико) дар шаклгирии муҳити амниятии минтақавӣ ба таҳлили муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври амиқ баррасӣ шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ масъалаи таҳдидҳо, аз қабили терроризм ва экстремизм ба яке аз мушкилоти авалиндапраҷа мубаддал гардида, барои рушди кишварҳои минтақа монеъа эҷод менамоянд. Аз ин лиҳоз, дар чунин вазъият, ки бо ноустувории геосиёсӣ ва мураккабшавии муносибатҳои

байналмилалӣ тавсиф меёбад, амният ба яке аз унсурҳои муайянкунандаи пойдории ҳар як давлат ва минтақа табдил ёфтааст. Муаммоҳои нав зуҳур карда истодаанд, ки хусусияти минтақавӣ, фаромиллӣ ва умумиҷаҳониро доранд, аз ҷумла густариши шабакаҳои террористӣ, паҳншавии ғояҳои ифротӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ба таври афзоянда муҳити амниятии минтақавиро ноустувор месозанд.

Дар чунин вазъият, омӯзиши равандҳо ва омилҳое, ки ба вазъияти амниятии минтақаҳо таъсир мерасонанд, ба яке аз самтҳои мубрами пажӯҳишҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ мубаддал шудааст. Махсусан, таҳқиқи таҳдидҳои муосир ва посухи академӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки замина барои коркарди сиёсатҳои муассири вокуниш ба ин чолишҳо фароҳам гардад. Минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар маркази таваҷҷуҳи геополитикии абарқудратҳо қарор дорад, аз нигоҳи амниятӣ аз минтақаҳои нисбатан осебпазир ба шумор меравад. Пайвандии ҷуғрофӣ бо минтақаҳои буҳронӣ, набуди механизмҳои мукаммали ҳамоҳангсозии амниятӣ ва мавҷудияти гурӯҳҳои ифротгароӣ, ин минтақаро дар муқобили хатарҳои фаромарзӣ қарор додаанд.

Инчунин мубрамияти кор дар он инъикос мегардад, ки арзёбии сиёсати амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар омӯхтани иқдомоти муштарак ва нақши ниҳодҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СААД ва СҲШ дар таҳкими амният ва коҳиши таҳдидҳо, дорои аҳаммияти илман асоснок ва амалӣ мебошанд. Унвонҷӯ кушиш ба харҷ додааст, ки таҷрибаи кишварҳои абарқудрат дар доираи ҳамкории амниятӣ бо давлатҳои минтақа, аз ҷумла стратегияҳои «неруи нарм» ва таъсири онҳо ба муҳити сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро баррасӣ намуда , тавсияҳои муфид барои олимони соҳа пешниҳод намудааст.

Мавзуи таҳқиқотӣ ба мушкилоти амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бахшида шуда, на танҳо ба воқеиятҳои геополитикии муосири минтақаи Осиёи Марказӣ мувофиқ мебошад, ва метавонад дар раванди ташаккул ва такмили сиёсати миллии амниятӣ саҳми назаррас дошта бошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи мазкур ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи таъмини амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар шароити муосир бахшида шуда, дар он барои нахустин бор як таҳлили фарогири таҳдидҳо ва хатарҳое анҷом ёфтааст, ки ба субот ва амнияти кишварҳои ин минтақа таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Муаллиф бо истифода аз заминаи назариявии гуногун, мафҳуми таҳдидҳои амниятӣ, аз ҷумла зуҳуроти терроризм ва экстремизмро дар партави таҳлили консепсияҳои илмии ватанӣ ва байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода,

хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо, омилҳои пайдоиш ва хусусиятҳои типологии ин падидаҳоро бо равиши илмӣ шарҳ додааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ аҳаммияти махсус ба нақши ҳамгироии минтақавӣ тавассути сохторҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ, аз қабили ИДМ, СААД ва СҲШ равона намуда, тавонистааст сатҳи ҳамкориҳои амниятии кишварҳои минтақа ва самаранокии сохторҳои мазкурро дар муқобили хатарҳои амниятӣ бо усули таҳлили эмпирикӣ таҳлил намояд.

Ҳамин тариқ навгонии кори диссертант асосан дар чунин нуктаҳо инъикос меёбад:

1. Масъалаҳои амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамчун як минтақаи стратегӣ ҳанӯз ҳам бо хатари ҷиддӣ дучор аст.

2. Муаллиф назарияҳои муосирро дар соҳаи амнияти минтақавӣ (реализм; конструктивизм ва либерализм) бо таҷрибаи амалӣ ҳамроҳ кардааст.

3. Хавфҳои асосӣ – терроризм, экстремизм, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, мубориза барои захираҳои обӣ ва таъсири ғайримустақими қувваҳои беруна – бо тартиб ва дақиқ баррасӣ шудаанд.

4. Дар диссертатсия роҳҳои ҳалли масъалаҳо, аз ҷумла ҳамкории минтақавӣ, ташаккули низомҳои умумиҷаҳонӣ ва таъсиси созмонҳои махсус пешниҳод шудаанд.

Муаллиф дар поёни таҳқиқ як зумра пешниҳодҳои амалӣ ироа намудааст, ки ба баланд бардоштани иқтидори кишварҳои минтақа дар муқобила бо таҳдидҳои фароимиллӣ равона гардидаанд. Тавсияҳо, аз ҷумла таҳкими механизмҳои мубодилаи иттилоот, рушди ҳамкориҳои марзӣ, тақвияти инфрасохтори ҳуқуқӣ ва мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ба хусусиятҳои минтақавӣ, яке аз паҳлӯҳои муҳим ва арзишманди кори илмӣ маҳсуб меёбанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ бо ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқ буда, ҷараёни таҳлил мантиқан пайгирӣ ва хулосаҳо бо такя ба далелу маводи илмӣ асоснок шудаанд, ки далели ҷиддият ва сатҳи баланди тадқиқоти анҷомдодашударо нишон медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар ҷараёни анҷом додани таҳқиқоти мазкур, Тошов Ҳ.М. тавонистааст натиҷагирӣ ва пешниҳодҳои илмии худро дар асоси таҳлили комплексӣ ва бо истифода аз усулҳои илмӣ асоснок созад. Равишҳои таҳлилӣ, ки бар асоси муҳтавои назариявӣ ва методологии илмҳои амниятшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва таҳлили низоъҳо ба кор рафтаанд, имкони арзёбии амиқ ва фарогири хусусиятҳои таҳдидҳои амниятии минтақавиро фароҳам овардаанд. Таҳлили густурдаи фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро, арзёбии мавқеи геополитикии кишварҳои абарқудрат, инчунин баррасии нақши созмонҳои минтақавӣ ва сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ

дар самти таъмини амният, бо такя ба маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва манбаъҳои таҳлилӣ, ба таври амиқ ва асоснок анҷом дода шудааст.

Заминаи таҷрибавии таҳқиқот, ки маълумоти оморӣ, таҳлили сиёсати амниятии кишварҳои минтақаҳоро фаро мегирад, барои ба даст овардани тасвири воқеии миқёс ва хусусиятҳои таҳдидҳои мавҷуда шароити мусоиди илмӣ фароҳам намудааст. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои ироагардида дар натиҷаи таҳлили амиқ ва воқеӣ омода шуда, ба густариши ҳамкории кишварҳои минтақа, беҳтарсозии воситаҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм, боло бурдани тавонмандии сохторҳои давлатӣ ва дигар ҷанбаҳои амниятӣ нигаронида шудаанд. Хулосаҳои баёншуда, ки дар заминаи усулҳои илмии таҳлил ва ба таври бетарафона таҳия шудаанд, метавонанд ҳамчун асоси боэътимод барои ташаккули стратегияҳои нави амниятӣ дар муқобили таҳдидҳои рӯзмарраи минтақавӣ ва байналмилалӣ хизмат намоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Тошов Ҳ.М. аз унсурҳои зарурии як таҳқиқоти илмии пурра иборат буда, ба талаботи стандартии корҳои илмии дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Кори илмӣ иборат аст аз: номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин рӯйхати адабиёти истифода шуда. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима, муҳаққиқ зарурати таҳқиқоти мавзуъро асоснок намуда, дараҷаи таҳқиқи он дар доираи илми муосирро баррасӣ намудааст. Ҳамчунин, иртиботи таҳқиқот бо барномаҳо ва лоиҳаҳои илмӣ, ки дар заминаи мавзуи мазкур амалӣ мегарданд, нишон дода шудааст.

Тавсифи умумии таҳқиқот дарбаргирандаи унсурҳои муҳими методологӣ ва ташкилӣ буда, чунин нуктаҳоро фаро мегирад: мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи гузаронидани таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, пойгоҳи иттилоотӣ, навгонии илмии таҳқиқот, масъалаҳои пешниҳодшаванда ба ҳимоя, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф дар раванди таҳқиқ, натиҷаҳои тасвибшуда ва амалигардидаи илмӣ, интишорот оид ба мавзуъ ва ниҳоят ҳаҷм ва сохтори умумии кори илмӣ..

Ин тавсиф шароити заруриро барои дарки васеъ ва амиқи муҳтавои таҳқиқот фароҳам оварда, диссертатсияро ҳамчун як асари илмии мукаммал ва дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ муаррифӣ менамояд.

Боби аввал тахти унвони «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ» ба таҳлили муфассали заминаҳои илмии мавзуи таҳқиқ бахшида шудааст ва аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин бахш, муаллиф мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳо, аз ҷумла

зуҳуроти терроризм ва экстремизмро мавриди таҳлил қарор додааст. Тавассути арзёбии амиқи таъсири ин таҳдидҳо ба рушди устувори кишварҳои минтақа, муаллиф тавонистааст масъалаи амнияти минтақавиро дар партави равияҳои гуногуни илмӣ ва назариявӣ шарҳ диҳад. Омӯзиши мавқеи мактабҳои таҳқиқотӣ ва баррасии таҳдиду хатарҳои гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ҷанбаи илмии бобро ғанӣ гардонидаанд.

Боби дуюм бо унвони «Ҳамкориҳои созмонҳои минтақавӣ дар мавриди мубориза бар зидди таҳдидҳои минтақавӣ дар шароити Осиёи Марказӣ» таҳқиқи фаъолият ва имконоти сохторҳои байналмилалии минтақавиро дар самти муқовимат ба таҳдидҳо дар бар мегирад. Ин боб низ аз ду зербоб иборат буда, дар он муаллиф ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар чорчӯби созмонҳои муҳим, аз қабили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхайро мавриди таҳлил қарор додааст. Арзёбии воқеии нақши ин созмонҳо дар таъмини амният бо такя ба маълумоти оморӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба кори таҳқиқотӣ эътимод ва асоснокии илмӣ бахшидааст.

Боби сеюм таҳти унвони «Дурнамои таъмини амнияти дастаҷамъӣ дар фазои сиёсии Осиёи Марказӣ» ба омӯзиши нақши давлатҳои абарқудрат, аз ҷумла Россия, Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико равона гардидааст. Муаллиф таъсири воситаҳои «неруи нарм»-и ин кишварҳоро ба муҳити сиёсиву амниятии минтақа мавриди таҳлил қарор дода, масъалаҳои ҳамкории стратегӣ ва дурнамои рушди системаи амнияти дастаҷамъиро баррасӣ намудааст. Дар доираи ин боб инчунин як қатор мушкилот ва омилҳои боздорандае, ки ба раванди таҳкими сиёсати амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир мерасонанд, муайян ва арзёбӣ шудаанд.

Бахши хулосаи кори диссертатсионӣ аз шаш банд иборат мебошад, ки ҳар кадом мазмун ва муҳтавои зербобҳои алоҳидаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Муаллиф хулосаҳои худро бо такя ба таҳлили амиқ ва мустанади илмӣ таҳия намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодаро ба таври мантиқӣ ва пайваста ҷамъбаст кардааст. Ҳар як хулосаи пешниҳодшуда дорои асоснокии назариявӣ ва далелҳои мушаххаси эмпирикӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими марбут ба таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ равона гардидааст. Хулосаҳо дорои аҳаммияти баланди амалӣ ва назариявӣ мебошанд, зеро метавонанд дар таҳияи стратегияҳо, барномаҳои амниятӣ ва сиёсати амнияти минтақавӣ ҳамчун заминаи боэътимоди илмӣ хидмат намоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ва натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмии ин таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар таҳлили ҳамаҷониба ва системавии масъалаи таъмини амният дар шароити сиёсиву иҷтимоии муосир зоҳир мегардад. Муаллиф дар рисола масъалаҳои амниятиро бо

дарназардошти ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва геополитикӣ омӯхта, воситаҳо ва механизмҳои таъмини амнияти устуворро дар минтақа арзёбӣ намудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар он хулосаҳои илмии нав ҷиҳати шарҳу тавзеҳи механизмҳои таҳдид ба амнияти минтақавӣ ва заминаҳои таҳияи стратегияҳои миллию минтақавии муқовимат ба ин таҳдидҳо пешниҳод шудаанд. Таҳқиқот дар васеъ намудани дониши илмӣ оид ба раванди ташаккули амният ва ҳамкории минтақавӣ дар шароити пасошӯравии Осиёи Марказӣ саҳми назаррас мегузорад.

Ҷанбаи муҳимми дигари рисола таҳлили нақши созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла ИДМ, СААД ва СҲШ дониста мешавад. Муаллиф фаъолияти ин созмонҳоро бо такя ба санадҳои ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва таҷрибаи амалӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода, самтҳои такмили механизмҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозиро муайян кардааст. Ҳамзамон, таҳлилҳо оид ба таъсири абарқудратҳо Россия, ИМА ва Чин ба муҳити амниятии минтақа, аз ҷумла тавассути истифодаи консепсияи “неруи нарм”, дар таҳқиқот ҷойгоҳи хоса доранд.

Аҳаммияти амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи он аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, ниҳодҳои таҳлилӣ, созмонҳои минтақавӣ ва муассисаҳои илмӣ-таълимӣ зоҳир мегардад. Тавсияҳо ва хулосаҳои пешниҳодгардида метавонанд дар таҳияи сиёсати амниятии давлатҳои минтақа, афзоиши самаранокии ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар муқовимат ба таҳдидҳои муосир, инчунин рушди фарҳанги ҳамзистии байнидавлатӣ нақши муҳим бозанд.

Муаллиф як қатор тавсияҳои мушаххасро ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавӣ тавассути рушди ҳамгироии институтсионалӣ ва густариши дипломатияи бисёрсамта пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи таълимӣ дар раванди тадрис ва омӯзиши фанҳои самти амниять истифода шаванд.

- Муаллиф натиҷаҳои нави илмиро дар бораи хусусиятҳои амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба даст овардааст.
- Маводҳои диссертатсия метавонанд барои таҳияи сиёсати амнияти кишварҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалӣ истифода шаванд.
- Таҳқиқот барои донишҷӯён, аспирантҳо ва мутахассисони соҳаи сиёсат ва амният арзиши махсус дорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти Тошов Ҳ.М. ба ташаккули як заминаи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ барои таҳияи стратегияи амниятии мутамарказ ва ҳамгиро дар Осиёи Марказӣ мусоидат намуда, аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ дорои арзиши баланд мебошад. Натиҷаҳои рисола метавонанд ҳамчун асоси таҳлилии муҳим барои қабули қарорҳои сиёсӣ ва татбиқи тадбирҳои муосири таъмини амнияти устувор хидмат намоянд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти илмии худро дар чор мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд, инъикос намудааст. Нашри ин мақолаҳо ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат дорад.

Мақолаҳои мазкур муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, натиҷаҳо ва хулосаҳои муҳими таҳқиқотро бозтоб медиҳанд. Онҳо далолат бар сатҳи баланди илмӣ ва аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дошта, саҳми муаллифро дар рушди масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ таъкид менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи пешниҳодгардидаи довталаби дараҷаи илмӣ Тошов Ҳ.М. мувофиқи талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ гардидааст, таҳия ва омода карда шудааст.

Ҳамзамон, автореферат, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Ин далел шаҳодат медиҳад, ки муаллиф на танҳо ба унсурҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ аҳаммияти ҷиддӣ додааст, балки ба риояи талаботи ташкиливу меъёрии фаъолияти илмӣ низ пайравӣ намудааст, ки барои расидан ба сатҳи баланди илмӣ ва ҳифзи стандарти академӣ зарур мебошад.

**Эродҳо нисбат ба мазмуну муҳтавои диссертатсия.** Новобаста аз арзёбии мусбат ва аҳаммияти таҳқиқот, бояд зикр намуд, ки дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои хусусияти методологӣ ва таҳлилӣ мушоҳида мешаванд. Ин норасоиҳо гарчанде ҷиддан муҳтавои умумии таҳқиқотро зери суол намегузоранд, вале ислоҳи онҳо метавонад ба тавсеаи баъдии масъала ва таҳкими заминаҳои назариявию амалии мавзуъ мусоидат намояд.

1) Илова кардани таҳлили бештар дар бораи нақши шарикии стратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳалли мушкилоти амниятӣ.

2) Таҳлили муқоисавӣ байни минтақаи Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо вобаста ба масъалаи амнияти минтақавӣ, дар диссертатсия ба таври кофӣ инъикос наёфтааст. Масалан хуб мешуд агар муқоисаи бештар

бо иттиҳодияҳои минтақавӣ аз қабили АСЕАН ё Иттиҳоди Африқо, нишон дода мешуд. Чунин таҳлил имкон медод, ки паҳлуҳои муштарак ва фарқкунандаи таҷрибаҳои таъмини амният дар сатҳи минтақавӣ равшантар ташхис ёбанд.

3) Дар таҳқиқот масъалаи муайянсозии нуқтаҳои ихтилоф ва механизмҳои ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ бо манфиатҳои минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври зарурӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Ин гуна таҳлил метавонист ба фаҳми амиқтари равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар доираи таъмини амният мусоидат намояд.

4) Дар матни кори диссертатсионӣ ва автореферати он баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо метавонад ба такмили сатҳи таҳрир ва пешниҳоди ниҳоии тадқиқот мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
Доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ, декани факултети муносибатҳои байналмилалии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода /__________/ Қобилов М.З.

Имзои М.З. Қобилов ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода /__________/ Юсупова Б.Ғ.

«23» 05 2025

**Суроғаи муқарриз:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мухаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилаии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тел.: +992 372325000; +99293-301-15-13; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj; E-mail: ddzt@ddzt.tj